# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи «Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдулоҳи Рӯдакӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2022. – 58 с. (тоҷикӣ ва русӣ)**

Устод Абуабдулло Рӯдакӣ яке аз адибонест, ки оид ба ҳаёт ва фаъолити ӯ садҳо нафар олимону донишмандон таваҷҷуҳ карда, мақолаю асарҳои гуногун эҷод кардаанд. Ин нукта мусаллам аст, ки муҳаққиқони нисбат ба масъалаҳои осори устод Абуабдуллоҳи Рудакӣ аз нуктаи назари гуногун ибрози назар кардаанд ва агар нек назар афканем хоҳем мушоҳида кард, ки онҳо, асосан, ба масоили ҳаёту эводиёти шоир аз назари адабиётшиносӣ марбутанд. Масъалаҳои таҳқиқи забонии осори устод Рӯдакӣ камтар сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, баррасии забоншиносии ин  осор аҳаммияти калони илмӣ дорад ва баррасии унвонҷӯ Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи “Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Таҳқиқи қабатҳои луғавии осори шоир ва масъалаҳои калимасозӣ дар осори шоир, ки дар кори диссертатсионӣ мавриди тадқиқоти илмӣ қарор гирифтааст, нахустин иқдом дар ин ҷода буда, аввалин кори диссертатсиониест, ки доир ба масоили қабатҳои луғавии осори шоир ва масъалаҳои муайян сохтани роҳҳои калимасозӣ дар шеъри шоир сурат гирифтааст. Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ ба мавзуъ буда, хусусияти муҳимми илмӣ доранд.

Нуқтаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд аз аҳаммияти калони илмӣ бархурдор буда, ҷиҳати бозкушоии таърихи ташаккули забони тоҷикӣ, рангорангии қабатҳои луғавӣ, истифодаи маъноҳои аслию маҷозии калимаҳои марбут ба узвҳои бадан дар назм, баррасии вижагиҳои вожагонӣ ва сохтории осори шоир, қолабҳои калимасозии он барои муҳаққиқони оянда, ки вобаста ба вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори намояндагони адабиёти классикӣ таҳқиқотҳо мебаранд, роҳ мекушоянд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки андешаҳои назариявию маводи диссертатсия барои корҳои диссертатсионии оянда ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ҷиҳати омӯзиши фанни таърихи забони адабии тоҷик мусоидат менамояд.

Таҳқиқот аз муқаддима, ду  боб, ҳафт фасл, бисту се зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, феҳристи адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, дар умум 186 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад. Таҳлилҳо бо истифода аз усулҳои маъмули забоншиносӣ сурат гирифта, пайдарпай ва мантиқан дурустанд.

Боби аввали дессертатсия “Таҳқиқи қабатҳои луғавии осори Абуабдуллоҳ  Рудакӣ” номгузорӣ шуда аз се фасл иборат аст. Дар ин боб ва фаслҳо муҳаққиқ тавонистааст исбот намояд, ки устод Абуабдуллоҳ Рудакӣ калимаҳоро ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ истифода бурдааст.

Дар масоили совматизмҳо – қабати муҳим ва қадимии таркиби луғавии забон, ки дар осори Абуабдуллоҳ Рудакӣ дида мешаванд ба адабиёти илмии марбут ба забонҳои гуногун ва таҳқиқоти шевашиносии тоҷик такя намуда, онҳоро ба зергуруҳо ҷудо карда, ба таври муфассал таҳқиқ намудааст. Дар баробари ин хусусиятҳои семантикии онро матраҳ намуда, ба қабатҳои гуногун ҷудо намудааст.

Дар ин боб, истифодаи воҳидҳои луғавии марбут ба хешовандиро дар эҷодиёти шоир мавриди баррасӣ қарор дода, маънои онҳоро аз рӯйи хусусиятҳои этнографӣ, лексикографӣ, хунию ғайриҳамхунӣ ва аз рӯйи ҷинсияти лексикиашон мавриди таҳқиқ қарор додааст ва аз осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мисолҳои қонеъкунанда оварда, асоснок кардааст. Муаллиф зимни таҳқиқи калимаҳое, ки ба шахс далолат мекунанд, равшан намудааст, ки онҳо шахсро аз рӯйи мансубияту машғулият, мансабу вазифа ва рутбае, ки дар ҷамъият дорад, ифода менамоянд. Дар рисола дар баробари баррасии хусусиятҳои луғавию маъноӣ баромади забонии онҳо мавриди пажуҳиши қарор гирифта омори истифодаи онҳоро ба риштаи таҳқиқи мекашад, ки хеле муҳҳим ба назар мерасад.

Боби дуюми диссертатсия,"Таҳқиқи сохтории таркиби луғавии ашъори устод Рудакӣ" аз чор фасл иборат буда, дар он диссертант қолабҳои калимаҳои сохтаю мураккабро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин боб доир таърихи баромад, мансубияти забонӣ, хусусиятҳои сермаҳсулию каммаҳсулӣ ва бемаҳсулии пасвандҳо, чандомадӣ калимаҳои сохта таҳқиқи анҷом ёфта, хусусиятҳои калимасозии пасвандҳо дар шеъри Абуабдуллоҳи Рудакӣ муайян намудааст. Инчунин, дар ин боб оид ба таҳқиқи калимаҳои мураккаб дар забоншиносӣ баҳс намуда ва назарияи аз иboraҳо ба вуҷуд омадани вожаҳои мураккабро ҷонибдорӣ карда, таҳқиқи калимаҳои мураккабро тибқи назарияи мавҷуда ба роҳ монда, бо овардани мисолҳо аз осори Абуабдуллоҳи Рудакӣ асоснок намудааст.

Ҳақиқатан ҳам, устод Абуабдуллоҳи Рудакӣ аз аввалин шоиронест, ки бо истифода аз калимаю ибораҳо, зарбулмасалу мақолҳо ва воситаҳои каломи бадеъ доди суханро ба қуллаи баланд расонидааст.

Баррасии таркиби луғавии осори устод Абуабдуллоҳи Рудакӣ, хусусан, мавзуи вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рудакӣ раванди такмили қабатҳои луғавиро нишон дода, барои нишон додани таҳаввулоти таркиби луғавӣ дар марҳилаҳои гуногун мусоидат мекунад ва дар баробари ин натиҷаҳои илмии таҳқиқот барои соҳаҳои гуногуни илми забоншиносӣ аз манфиат холӣ нест.

Натиҷаҳои асосии хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои унвонҷӯй дар чандин мақолаҳо, ки дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтааст.

Автореферати диссертатант ва мақолаҳои нашркардаи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намудаанд.

Бандубаст ва муҳтавои автореферати мазкур ба талаботи фаннию сохтории кунунӣ ҷавобгуй буда, дар баробари дастовардҳои зиёд баъзе

норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Барои беҳбудии корҳои баъдинаи пажуҳиши довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанд нуктаро зарур мешуморем:

1. Дар забони тоҷикӣ ҳар як ҳиссаи нутқ тарз ва воситаҳои махсуси калимасозӣ дорад ва ба андешаи мо диссертант метавонист, ки аз роҳҳои калимасозии забони тоҷикӣ вобаста ба ҳиссаҳои нутқ такя менамуд.
2. Дар кор аз ҷадвалу графикҳо кам истифода шудааст. Дар замони муосир, ки дастовардҳои техникӣ афзун шудааст, хуб мешуд, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ мешуд.

Эродҳои зикршудаислоҳпазир буда, ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳамияти илмию амалии кори таҳқиқии Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек ҳусни бештар зам мекунад.

Муаллиф оид ба мавзуъ 7 мақолаи илмӣ, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст, ки муҳтавои кори диссертатсиониро фаро мегиранд. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ, мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ пурра ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи номзадии Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи «Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдулоҳи Рӯдакӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз**:
мушовири илмии кафедраи
забоншиносӣ ва рӯзноманигории
Донгишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,
доктори илми филология, профессор Қосимов Олимҷон Ҳабибович
«05» апрели соли 2024

Имзои Қосимов Олимҷон Ҳабибовичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донгишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

Нишонӣ:
ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Донгишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел: 907-76-44-21
E-mail: kosimov@mail.ru.
«05» апрели соли 2024